**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст**

Таҳқиқоти диссертатсионии Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ ба яке аз масъалаҳои рӯзмарраи илми ҳуқуқшиносӣ – масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ бахшида шудааст. Аҳамияти рисолаи мазкур барои кишвари мо дар он аст, ки хулосаву пешниҳодҳои илмии муаллифро дар тадқиқоти илмии минбаъда оид ба масъалаҳои ҳуқуқи моликияти коммуналӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳои илмии ба вуҷуд омада барои дуруст дарк намудани принсипҳои: «маблағ ва моликият баъд аз фароҳам овардани вазифаҳо» ва «бисёрсатҳии моликияти давлатӣ» мусоидат мекунад. Ин натиҷаҳоро барои коркарди минбаъдаи Стратегияи ислоҳоти низоми идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намудан мумкин аст.

Мутобиқи тақсимоти маъмурию ҳудудӣ қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 3 вилоят – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, қисми шарқии ҷумҳурӣ, бо 8 воҳиди маъмурию ҳудудӣ, вилояти Суғд, қисми шимолии ҷумҳурӣ, бо 18 воҳиди маъмурию ҳудудӣ, вилояти Хатлон, қисми ҷанубии ҷумҳурӣ, бо 25 воҳиди маъмурию ҳудудӣ, шаҳри

Душанбе, пойтахти ҷумҳурӣ, ки аз 4 ноҳия иборат мебошад, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (бо 13 воҳиди маъмурию ҳудудӣ) ва 427 ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот тақсим шудааст. Унвонҷӯ бисёр бамаврид қайд мекунад, ки ҳамаи онҳо субъектони ҳуқуқи гражданӣ буда, дорои молу мулки алоҳида мебошанд, вале самаранокии фаъолияти хоҷагидории онҳо ҳамчун молик назаррас нест. Онҳо то ҳол аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, худидоракунии маҳаллӣ наметавонад ба аҳолӣ дастрас будани хизматрасониҳои хушсифатро таъмин намояд. Чунин ҳолат талаботи рӯзафзуни иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеаро пурра қонеъ гардонида наметавонад ва бинобар инислоҳоти идораи давлатиро мехоҳад. «Ин ислоҳот – ба андешаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – пеш аз ҳама бояд ба танзими идораи давлатӣ, мукаммалгардонии вазифаҳо, такмили сохтори вазоратҳо вобаста ба шароити иқтисоди бозорӣ, аз байн бурдани вазифаҳои такроршаванда, шаффофияту самаранокии фаъолияти сохторҳо ва хизматчиёни давлатӣ равона гардад».

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад. Риояи ин арзишҳои бунёдӣ дар нисбати моликияти давлатӣ таъсири худро расонидаанд. Демократӣ будани Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо мекунад, ки воҳиди маъмурию ҳудудӣ ваколатҳои соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории молу мулки худро мақсаднок амалӣ намоянд, ташаббускор ва мустақил бошанд. Моликияти давлатӣ тибқи принсипи ду сатҳона ба вуҷуд омада (ҷумҳуриявӣ ва коммуналӣ), бинобар ин дар ҳалли масъалаҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ ва хизматрасониҳои коммуналӣ нақши мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд асосӣ бошад. Чунин ҳолат тақозо менамояд, ки ҳамаи сатҳҳои ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ бояд ҷиҳати иҷрои дахлдори уҳдадориҳои худ дорои маблағҳои

мутаносиб ва мустақилияти иқтисодӣ бошанд. Тибқи принсипҳои: «маблағ ва моликият баъд аз фароҳам овардани вазифаҳо» ва «бисёрсатҳии моликияти давлатӣ» Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳиди маъмурию ҳудудӣ бо дарназардошти зарурати фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди инсон, ҷомеа ва давлат молу мулки худро доранд.

Таваҷҷуҳи олимони зиёд ба масъалаи мазкур аз мубрам будани он далолат мекунад. Аммо мавзӯи мазкур ҳамчун самти мустақили таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон то ба имрӯз таҳлил нашудаанд. Бинобар ин, дар шароити рушди бо суръати иқтисодиву иҷтимоӣ мавзӯи мазкур ҳамчун падидаи серпаҳлӯ ба таҳлили илмии амиқ ниёз дорад. Диссертатсияи Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ бо мақсади таҳлили масъалаи мазкур ба иҷро расидааст. Дар диссертатсия падидаи мазкур ба таври назариявӣ, амалӣ ва аз диди таърихӣ таҳқиқ шудааст. Инчунин, рисола дар доираи Барномаи дурнамои корҳои илмӣ – таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ барои солҳои 2016 – 2020 дар мавзӯи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии соҳибкорӣ» омода карда шудааст.

Унвонҷӯ пажӯҳиши ҳамаҷонибаи ҳуқуқи моликияти коммуналиро дар асоси таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, адабиёти соҳаи ҳуқуқшиносӣ, таҷрибаи судӣ, ошкор намудани мушкилоти назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии моликияти коммуналӣ ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар назди худ вазифа гузоштааст.

Вазифаҳои дигари таҳқиқотии диссертатсионии муаллифро омӯзиши пайдоиши моликияти коммуналӣ; муайян намудани мафҳум ва хусусиятҳои ҳуқуқи моликияти коммуналӣ; тадқиқи субъектҳои он; таҳлили объектҳои ҳуқуқи моликияти коммуналӣ; омӯзиши мазмуни ҳуқуқи моликияти коммуналӣ; таҳлили илмии хусусигардонии

моликияти коммуналӣ; муқаррар намудани воситаҳои ҳифзи ҳуқуқи моликияти коммуналӣ; таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи тадқиқшаванда ташкил медиҳанд. Муҳаққиқ мафҳумҳои гуногуни моликияти коммуналӣ ва ҳуқуқи моликияти коммуналиро таҳлил намуда, назари хешро оид ба падидаи мазкур пешкаш сохтааст. Дар диссертатсия мафҳуми ҳуқуқи моликияти коммуналӣ ба ду маъно муайян гардидааст: ба маънои объективӣ ва субъективӣ. Ба маънои объективӣ, вақте ки муқарраротҳои он вуҷуд доранд ва ба ҳама субъектони ҳуқуқ ва иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ равона шудаанд. Дар ҳамин маъно, ҳуқуқи моликияти коммуналӣ аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ иборат буда, муносибатҳои ашёӣ ва дигари молумулкии ба фаъолияти мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатӣ марбутбударо танзим менамояд. Дар маънои субъективиаш ҳуқуқи моликияти коммуналӣ чунин чораҳои имконпазири рафторро меноманд, ки ба соҳибӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдории молумулки коммуналӣ равона гардидаанд. Ҳамзамон андешаҳои олимон оид ба ин масъала пешниҳод карда шудааст.

Пажӯҳишгар омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналиро ҳамчун мақсади таҳқиқот қарор дода, дар асоси таҳлилҳои илмӣ-назариявӣ масъалаҳои амалиро низ баррасӣ намудааст. Аз ҷумла, дар таҳқиқот пайдоиш ва инкишофи моликияти коммуналӣ, мафҳум ва хусусиятҳои ҳуқуқи моликияти коммуналӣ, субъектони ҳуқуқи моликияти коммуналӣ, объектҳои ҳуқуқи моликияти коммуналӣ, мазмуни ҳуқуқи моликияти коммуналӣ, хусусигардонии моликияти коммуналӣ таҳлили ҳамаҷониба ва комили илмиро дарёфтаанд. Натиҷаҳои илмии диссертатсия аз он далолат мекунанд, ки мақсад ва вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро ёфтаанд. Илова бар ин, тибқи мақсад ва вазифаҳо сохти мантиқии таҳқиқоти илмӣ муайян ва дуруст интихоб шудааст. Дуруст интихоб намудани сохти мантиқии пажӯҳиши

илмӣ имкон додааст, ки таҳқиқоти мантиқӣ ва муттасили илмӣ анҷом дода шавад.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки он нахустин таҳқиқоти бунёдӣ оид ба пажӯҳиши масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ дар ҳамоҳангӣ бо имкониятҳои иқтисодию иҷтимоӣ, анъанаҳои таърихӣ, ба инобатгирии арзишҳои миллӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Андешаҳои боло навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи диссертатсия нишон медиҳад. Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади таърихӣ, амалӣ ва назариявӣ мустаҳкам карда шудаанд. Нуктаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳо инъикоси худро ёфтаанд. Онҳо сатҳи кофии навгонии илмӣ дошта, аз саҳми муаллиф дар масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон далолат мекунанд. Бар замми ин, дар бобҳо ва зербобҳои диссертатсия ақидаҳо ва хулосаҳои муаллиф пешниҳод карда мешаванд. Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии онҳо дар хулосаи диссертатсия ифодаи худро ёфтаанд.

Муҳаққиқ қобилияти фаъолияти мустақилонаи илмӣ-эҷодӣ, таҳлили ҳаматарафа ва танқидии нуқтаҳои назари илмӣ, асоснок намудани ақида ва мавқеи хешро дорад. Ҳамаи ин имкон додааст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳаматарафа ва пурра анҷом дода шавад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илм, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ – унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии ҳуқуқи

моликияти коммуналӣ» сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор, ректори Академияи**
**идоракунии давлатии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **А.Д. Ғафурзода**

**Имзои Ғафурзода Абдухалил Давлаталиро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва**
**корҳои махсуси АИДПҶТ** **Ш.Ҳамидов**

05.11.22